# ИТТИЛОЪ БА БАДХОҲОН ВА ДУШМАНОНИ СУЛҲУ СУБОТИ ТОҶИКИСТОН

Дар асоси иттилоъи Маркази робитаҳои ҷамъиятии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

“Санаи 3 феврали соли 2025, дақиқан соати 15:44, гурӯҳи 9-нафараи маҳбусони Муассисаи ислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз асбобҳои худсохти халандаю бурранда, ба кормандони масъул – нигаҳбонҳои муассисаи ислоҳотӣ ҳуҷуми ҳалокатовар карданд. Дар натиҷаи ҳамла, 3 нафар корманд, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматии хеш машғул буданд, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд. Маҳбусон ба талаботи қонунии маъмурияти муассиса итоат накарда, бо истифода аз кордҳои худсохти оҳанини нӯгтез ва халанда, аъмоли ҷинояткоронаи худро бидуни даъвою шартгузорӣ давом доданд ва талош карданд, ки сарбозони ҳифозатии муассисаро ба қатл расонида, фирор намоянд. Муҳофизон тибқи қонун ва дастурамали хизматӣ амал намуда, маҷбур гаштанд, ки дар муқобили ҷинояткорон аз силоҳи оташфишон истифода баранд. Дар натиҷа, 3 ҷинояткор безарар ва боқимондаи онҳо дастгир карда шуданд”.

Чунин ҳодисаи нохуш, ки дар Муассисаи ислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Ваҳдат аз ҷониби як зумра пайравони гурӯҳи даҳшатафкан ва ифротгарои ба ном давлати исломии ДОИШ, ки бо маслиҳати пешакӣ ҷиҳати фирор аз зиндон иттифоқ афтод, бори дигар чеҳраи манфури ифротгароии хушунатомезро ба халқи шарифи Тоҷикистон муаррифӣ кард. Ин аъмоли зишти зидди инсонӣ ва зидди башарӣ, ки оромӣ ва суботи ҷомеаро халалдор мекунад, маҳз дар зери пусти тафаккури ифротӣ ва террористии ҷонибдорони гурӯҳҳои ифротгарову даҳшатафкан берун омадааст, дар назди қонун ва ҷомеаи сулҳхоҳу адолатпарвари Тоҷикистон бе ҷавоб нахоҳад монд. Зеро халқи сулҳхоҳи Тоҷикистон бо пайравӣ аз сиёсати хирадбунёд ва созандаи давлату Ҳукумат ҳамвора хушунат, ифротгарой, терроризм, ҷиноятҳои муташаакил, қочоқи инсон ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддиро маҳкум намуда, дар роҳи решакан намудани чунин захмҳои хашину зараровар ва зуҳуроти номатлуб мубориза мебаранд. Дар мавқеъи худ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар нишастҳо, конфронсу чорабиниҳои байналмилалӣ терроризму ифротгароиро қатъиян маҳкум намуда, пайваста дар ин самт равобити худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмону ниҳодҳои байналмилалӣ таҳким ва

тақвият мебахшад. Дар инҷост, ки Тоҷикистон дар раддабандии сулҳи ҷаҳонӣ ва таъмини амният ва суботи сиёсӣ дар сафи пеши кишварҳои бо амну босуботи Осиё, Аврупо ва Ховари Миёна қарор дорад.

Аммо мутаассифона мебинем, ки ҳодисаи ба вуҷуд омадаро дар Муассисаиислоҳии №3/2-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, ки дар ғояи он аҳдофи нопоки ифротгароёни вайронгар, қотилу хунхор, бардагони тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои даҳшатафкани байналмилаӣ қарор дорад, зумрае аз истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои муғризи зидди халқу Ватан дар хориҷ аз кишвар истода бо қазовати ғалату нодуруст, бар он назранд, ки гӯиё дар ба амал омадани чунин вазъият "худи масъулон ва кормандони муассисаи ислоҳӣ даст доранд ва онҳо бо ин кори худ мехоҳанд зиндониёнро нобуд кунанд ва илова мекунанд, ки онҳо зиндониёни сиёсӣ буданд, ки кушта шуданд".

Бубинед хонандагони азиз ва шаҳрвандони бо нангу ори Ватан дар ҳар гӯшае аз Тоҷикистон ва берун аз он, чигуна нафароне, ки пайрави гурӯҳи террористии ба ном давлати исломии ДОИШ мебошанд, онҳо "зиндонии сиёсӣ" бошанд?!, Чи гуна ашхосе, ки дар асоси парвандаҳои марбут ба ифротгароиву терроризм ва ҷудоиангезиву хушунат боздошт гардида дар асоси қонун ва санадҳои

ҳуқуқиву меъёрӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд “зиндонии сиёсӣ” бошанд?! Чи гуна он ифротгароёне, ки бо маслиҳати пешакӣ хостанд вазъи муассисаи ислоҳиро нооором созанду ба қатлу куштор даст зананд “зиндонии сиёсӣ” будаанд?!

Қазовати нодуруст ва туҳматҳои беасос дар ягон шароит ва давру замонҳо қобили қабул нест. Вазъияти ба вуҷуд омада худ собит намуд, ки чеҳраи нопоку сияҳ, манфуру ва хашини ифротгароиву даҳшатафканӣ дар ягонҷо пинҳон нахоҳад монд ва он худро дар ниҳоят собит хоҳад кард. Бо ин ирода метавон гуфт, ки ҳар сомона ва ё ҳар шабакаи иҷтимоие, ки аз дурӯғ, аз туҳмат, аз таҳқир, аз ҷудоиангезӣ ва роҳандозӣ аз ғарази нопок алайҳи ҷомеа, давлат ва миллат қазоват мекунад, худ ҷонибдори терроризм ва худ ҷонибдори ифротгароии хушунатангез аст. Тамоми зовияҳо ва тафтишоти ба дастомада собит месозад, ки ягон нафар аз безарар шудагон ва боздоштшудагони муассисаи ислоҳии мазкур “зиндонии сиёсӣ” нестанд, ҳама пайравони гурӯҳҳои фироттарову даҳшатафкан мебошанд, ки дар назди қонун аз кирдорҳо ва ҷинояти содир кардаи худ ҷавоб хоҳанд гуфт.